**ВАЗОРАТИ КОРҲОИ ДОХИЛИИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**АКАДЕМИЯ**

# Лексия

## Аз фанни ҳуқуқи гражданӣ

### МавзуӣNo6: Шартномаи пудрат.

**Вақт 3- соат:**
**Лексия 2-соат:**
**Семинар 1-соат:**

**Дар ҷаласаи кафедраи фанҳои ҳуқуқи гражданӣ муҳокима ва тасдиқ шудааст.**
**Протокол №__аз ____________________**

**ДУШАНБЕ 2020**

**Нақшаи лексия:**

1. **Қоидаҳои умумӣ оид ба шартномаи пудрат.**
2. **Пудрати маишӣ.**
3. **Пудрати сохтмонӣ.**
4. **Пудрат барои эҳтиёҷи давлатӣ.**

**Адабиёт:**


1. Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6.10.1994
2. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми қ. 1(Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
3. Ҳуқуқи гражданӣ, қисми 2 (Дар зери таҳрири д.и.ҳ., профессор М.А.Маҳмудов). – Душанбе: «ЭР-граф», 2007
4. Муртазоқулов Ҷ.С. Ҳуқуқи гражданӣ (Маҷмӯаи масъалаҳо дар ду қисм), қисми 2. – Душанбе, 2008
5. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. I- аз 30 -уми – уми июни соли 1999
6. Кодекси граждании Ҷумҳури Тоҷикистон қ. II аз11 - уми моҳи декабри соли 1999
7. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қ. 3- ум аз 1 – уми марти 2005 – ум сол
8. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть I Москва 1998г.
9. Коментарий к гражданскому кодексу РФ часть II Москва 1998г.

**ҶС1. Қоидаҳои умумӣ оид ба шартномаи пудрат.**

**Тибқи кодекси гражданӣ шартномаи пудрат чунин шартномаест, ки дар он як тараф (пудратчӣ) ӯҳдадор мешавад, бо супориши тарафи дигар (фармоишгар) кори муайянеро анчом диҳад, онро дар муҳлаи муайян ба фармоишгар супорад ва фармоишгар бошад, ӯҳдадор мешавад корро қабул намуда, ҳаққи онро пардозад**. Кор агар дар қонун ё созишномаи тарафҳо тартиби дигаре пешбинӣ нагардида бошад, бо таваккали фармоишгар анҷом дода мешавад.

Дар фарқият аз ӯҳдадориҳои оиди супоридани мол, ӯҳдадориҳои шакли пудратӣ муносибатҳои иқтисодиро оиди хизматрасони тнзим месозанд яъне пудрат чунин ӯҳдадорие мебошад, ки дар он қарздор чизеро надода ӯҳдадор аст кори муайянеро иҷро намояд.

Монандии шартномаи пудрат бо шартномаи маҳсулотсупорӣ дар дар он зоҳир мегардад, ки дар лаҳзаи бастани шартномае, ки ба кредитор супорида мешавад чун қоида ҳоло дар асл мавҷуд набуда бояд тайёр гардад. Аммо дар фарқият аз шартномаи маҳсулотсупорӣ, ки барои қонеъ гардидани эҳтёҷоти ҷамъиятӣ ба миқдори бисёр мол равон шудааст, шартномаи пудрат эҳтиёҷ ва талаботҳои алоҳидаи (инфиродии) фармоишгарро бояд қонеъ гардонад. Ғайр аз ин аз рӯи шартномаи пудрат ашё чӣ аз маҳсулоти пудратчӣ на чӣ аз маҳсулоти фармоишгар сохта мешавад, аз рӯи шартномаи маҳсулотсупорӣ бошад танҳо аз маҳсулоти маҳсулотсупорнда иҷрокунанда .

**Хусусиятҳои номбурдашуда шартномаи пудратро чун шартномаи консенсуалӣ, музднок ва дутарафа эътироф менамояд. Элементҳои шартномаи пудрат пудрат. Тарафҳо дар шартномаи пудрат фармоишгар ва пудратчӣ мебошанд. Фармоишгар тарафе аст, ки ичрои кори муайян ро ба тарафи дигар супориш медиҳад, пудратчӣ бошадтарафе, ки ин корро ӯҳдадор астиҷро менамояд.**

Пудратчӣ ҳангоми иҷрои корҳо ҳуқуқ дорад, ки дигар шахсонро барои иҷрои як қисми корҳо ҳуқуқ дорад, ки дигар шахсонро барои иҷрои як қисми корҳо ташкилотҳои махсуси пудратиро васеъ истифода мебаранд (ҷалб мекунанд) хусусан ба он намудҳои фаъолияте, ки литсензиякунони махсусро талаб мекунанд, масалан, ичрои корҳои лоиҳакашӣ, гузаронидани воситаи алоқа, иншоотҳои инженерӣ ва ғайраҳо. Дар ин ҳолатҳо путратчӣ ба пудратчии генералӣ ва шахси ҷалбкардашуда ба пудратчии ғайри асоси табдил мегарданд (м. 718КГ). Дар қонун ё шартнома қайд кардани ҳуқуқи пудратчии оид ба ҷалб кардани пудратчӣ ҳатми нест.

Гирифтани розигии фармоишгар низ барои бахри ҷалби пудратчии ғайри асосӣ шарт нест, зеро таваккали иҷрои ҳамаи корҳо ба ӯҳдаи пудратчии асосии гузашта шудааст. Иштирокчии пудратчии ғайри асоси танҳо ҳангоми бевосита аз қонун ё шартнома баромадани ӯҳдадории пудратчӣ оиди шахсон иҷро кардани корҳо манъ аст.

Предмети шартномаи пудрат натиҷаи фаъолияти (кори) иҷрошуда мебошад. Вобаста аз супориши фармоишгар ба навъҳои корҳо, натиҷаи онҳо дар тайёр кардан ё коркарди ашё бо дигар роҳ тағйир додани ашёҳои мавҷуда

ифода мегардад (м.715). Масалан, таъмири магнитафон, либосшӯи бо барқарор кардан ва нигоҳ доштани хусусиятҳои истеъмолии ашёҳои алакай мавҷуда равона мегардад.

Шакли шартномаи пудрат бояд ба қоидаҳои умумӣ оиди шакли (аҳдҳо) мутобиқ бошад (м.183-186 КГ). Бештар нисбати шартномаи пудрат шакли одии хаттӣ татбиқ мегардад, ки бо мақсади мустаҳкам гаштани муносибатҳои пудратӣ анҷом дода мешавад. Мӯҳлати дар шартномаи пудрат аҳамияти басо калон дорад, зеро фармоишгар манфиатдор аст, ки корҳо дар мӯҳлати муайянкардашуда ба иҷро расонд. Дар шартномаи пудрат мӯҳлати ибтидоӣ ва ниҳоии иҷрои кор зикр мегардад. Ба мувофиқаи байни тарафҳо дар шартнома метавонад инчунин мӯҳлати хотимаи давраҳои алоҳидаи кор (мӯҳлати мобайнӣ) пешбини шуданаш мумкин аст (б.1 м. 720 КГ).

Иҷро накардани кор дар мӯҳлати дар шартнома пешбинишуда ва аз ҷониби фармоишгар сари вақт қабул накардани кори иҷрошуда чун вайрон кардани ӯҳдадорӣ (дар шакли гузаронидани мӯҳлат) эътироф мегардад. Аз ин лиҳоз қонун қоидаҳои махсусро оиди гузаронидани мӯҳлат муқаррар карда аст.

Қоидаи махсус ҳангоми ҳозир нашудани фармоишгар баҳри гирифтани ашё, яъне саркаши кардани ӯ аз қабули дар қонун муқаррар гаштааст. Дар ин ҳолат пудратчӣ бо гузаштани мӯҳлати як моҳ аз рузе, ки бояд мувофиқи шартнома кор ба фармоишгар супорида ва баъд аз ду маротиба огоҳ намудани у ҳуқуқ дорад, натиҷаи корро фурӯшад ва маблағи ба даст омадаро бо аз ҳисоб баровардани ҳамаи пардохтҳои бо пудратчӣ тааллуқдошта ба депозити идораи натариалӣ ба номи фармоишгар гузаронад (б. 6 м. 731 КГ).

Ғайр аз ин, пудратчӣ саривақт ба иҷрои шартномаи пудрат оғоз кунад ё корро чунон ба оҳистагӣ, иҷро кунад, ки то мӯҳлати муқаррар шуда анҷом додани он баръало имконпазир гардад, фармоишгар ҳуқуқ дорад аз шартнома даст кашад ва ҷуброни зараро талаб намояд (б. 2 м. 724 КГ). Нарх дар шартномаи пудрат чунин маблағи пӯлие мебошад, ки фармоишгар онро баҳри иҷрои кор ӯҳдадор аст ба пудратчӣ супорад.

Нарх бо мувофиқаи тарафҳо бо роҳи дар шартнома қайд кардани маблағи муайян ё тарзи муайянкунии он муқаррар мегардад, ҳангоми дар шартнома мавҷуд набудани чунин нишондод нарх мутобиқи б.3 м. 465 КГ аз ҷониби суд муқарар карда мешавад. Нарх дар шартномаи пудрат ҷуброни хароҷоти пудратчӣ на подошпулии ба ӯ марбутро дар бар мегирад.

Мазмуни шартномаи пудрат хислати мутақобила доранд, яъне ба ҳуқуқҳои тараф ӯҳдадориҳои тарафи дигар мувофиқ меоянд.

Пудратчӣ дар шартномаи пудрат, ӯҳдадор аст бо таваккали худ ва бо супориши фармоишгар кори муайянро аз маводи худ ё аз маводи фармоигар иҷро намояд. Ин ӯҳдадории пудратчиро васеътар дида мебароем.

Кор бояд бо супориши фармоишгар иҷро шавад, яъне мувофиқи он талаботҳое, дар шартнома супориши техники ба шартнома гузошташуда ё квитансия дар шартнома мавҷуда муайян гаштаанд.

Пудратчӣ ӯҳдадор аст корро босифат иҷро намояд, яъне бе камбудиҳое, ки истифодаи ашёи тайёркардашударо аз рӯи таъиноташ ғайри имкон мекунад.Ғайр аз кор бояд мутобиқи супориши фармоишгар айнан иҷро гардад.

Ҳамзамон ҳангоми ҳал намудани масъалаи кошоямӣ ва устувори кор бояд дар назар дошт , ки чун қоида пудратчӣ дар фарқият аз фармоишгар мутахассис мебошад. Бинобар ҳама ҳолате рӯй дода метавонад, ки айнан иҷро кардани супориши фармоишгар ба сифати кори иҷрошуда таъсири манфӣ бахшида метавонад. Мувофиқан пудратчӣ ӯҳдадор мешавад фавран фармоишгарро огоҳ созад ва то аз ӯгирифтани нишондод корро ҳангоми ошкор намудани ҳолатҳои зайл қатъ мегардад;

- корношоямӣ ё бесифатии мавод таҷҳизот ҳуҷҷатҳои техникӣ ё ашёи барои коркард пешниҳоднамудаи фармоишгар.
- Оқибатҳои имконпазирӣ нохушӣ ба иҷрои супориши фармоишгар оид ба усули иҷрои кор вобаста.
- Дигар ҳолатҳои ба пудратчи вобаста набудае, ки ба коршоями ё устувории натиҷаҳои кор таҳдид мекунад ё дар муҳлати муайянгардида анҷом додани корро ғайри имкон мегардонанд (қ.1 м 728 КГ).

Агар фармоишгар сарфи назар аз огоҳонии саривақти ва асоснокии пудратчӣ оид ба ҳолатҳои дар қ.1 м. 728 КГ зикр гардида дар мӯҳлати муносиб маводи корношоям ва бесифатро иваз накунад, супоришро оид ба усули иҷрои кор тағйир надиҳад ё барои рафъи ҳолатҳое, ки ба коршоями ё устувории корҳо таҳдид менамоянд, чораҳои дигар наандешад,пудратчи ҳуқуқ дорад аз шартнома даст каша два ҷуброни зарари вобаста ба қатъи шартнома расидашударо талаб намояд.

Кор бояд бо мавод ва тавасути қувва ва воситаҳои пудратчӣ анҷом дода шавад агар тартиби дигаре бо шартнома пешбини нагардида бошад. (м. 716 КГ). Азбаски меъёри мазкур хислати диспозитивӣ дорад, қонун қоидаҳои гуногуро вобаста аз маводи кадоме аз тарафҳо кор иҷро мегардад муайян кардааст. Тавакали тасодуфан нобуд гардидан ё тасодуфан вайрон шудан (осеб дидан ) - и маводро,агар дар қонун ё шартнома тартиби дигаре пешбини нагардида бошад,то фаро расидани мӯҳлат пудратчӣ ва баъди хатми он тарафе,ки мӯҳлатро гузаронидааст ба зимма дорад.

Ӯҳдадории асосии фармоишгар дар пардохти мукофот ба пурдачӣва қабули кори иҷрокардашуда ифода мегарданд.Ҳардуи ин ӯҳдадориҳо зич алоқаманд, зеро чун қоида фармришгар пас аз ҷониби пудрачӣ супоридани хамаи кор ӯҳдадор мешавад,ки арзиши корро пардозад.

Қонунгузории граждании дар бораи мӯҳлати даъво дар шартномаи пудрат вобаста ба кори сифати номатлуб тибқи шартномаи пудрат анҷомдода мӯҳлати сесолаи умумии даъворо барои ин гурӯҳ муносибатҳо татбиқ менамояд. Мӯҳлати даъво барои талабот новобаста ба камбудиҳо бино,сохтмон иншоот . Агар ин камбудиҳо ҳангоми усули одии қабули кор ошкоршуданашон ғайри имкон бошад, аз лаҳзаи ошкор шудани камбудиҳо 5-солро дар бар мегирад.

Агар дар қонунҳо ва шартномаи пудрат аз ҷониби пудратчӣ додани сифати кафолати сифати кор пешбинӣ мӯҳлати кафолат муқаррар гардида боша два риза дар мавриди камбудиҳои кор дар доираи мӯҳлати кафолатдодашуда бошад, ҷараёни камбудиҳо оғоз меёбад.

## ҶС2. ШАРТНОМАИ ПУДРАТИ МАИШӢ.

Мувофиқи шартномаи пудрати маиши пудратчие, ки фаъолияти соҳибкориро анҷом медиҳад, ӯҳдадор мешавад тибқи фармоиши шаҳрвандфармоишгар фаъолияти муайянеро, ки барои қонеъ гардонидани талаботи маиши ё дигар талаботи шахсии фармоишгар таъин шудааст, анҷом диҳад ва фармоишгар бошад ӯҳдадор мешавад корро қабул намуда, ҳаққи онро пардозад.

Шартномаи пудрати маиши ба шартномаи оммави (моддаи 458) дохил мешавад. Нисбат ба шартномаи пудрати маиши, ки бо ҳамин Кодекс танзим нагардидааст, қонунҳо оид ба ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки дар асоси он қабул гардидаанд, истифода бурда мешаванд. Шартномаи пудратӣ маишӣ ба қонунгузории граждании ҶТ то қабули КГ амал карда истода маълум буд. Ин шартномаи нав набуда ба он меъёрҳои алоҳидаи КГ Тоҷикистон аз с.1965 дар бобби оид ба пудрат бахшида буданд. Аммо мафҳуми он аз мафҳуми ҳозираи шартномаи пудрати маишӣ каме фарқ мекунад. Пеш аз ҳама фарқиятҳо ифода мегардад дар:

-Таркиби субъекти шартнома ба сифати фармоишгар шаҳрвандон ва ба сифати пудратчӣ танҳо ташкилотҳое, ки дар соҳаи хизматрасонӣ фаъолият мебаранд баромад менамуданд;
- Хислати танзимкунии нақшавии шартнома;
- Тартиби офертаи оммавӣва мустаҳкам кардани хелҳои алоҳидаи шартномаҳои пудрати маишӣ дар шартномаи намунавӣ

Предмети шартнома пудрати маишӣ натиҷаи коре мебошад, ки баҳри қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти шахсӣ ва маишии шаҳрвандон равона карда шудааст. Қонун хислати истеъмолиро 1га бо натиҷа, балки бо худи кори иҷрокардаи пудратчӣ алоқаманд менамояд.Масалан шартномае, ки шаҳрвандба корхонаи саноати барои истеҳсоли маводи хоҷаги мебандад пудрати маишӣ ҳисоб намегарданд. Ҳол он ки натиҷаи кор хислатиистеъмоли дорад, аммо худи ко аммо пудратчӣ ҳангоми иҷрои кор бо назардошти худ қубурҳои онро низ иваз намояд, фармоишгар ҳуқуқ дорад азпардохти кори берун аз фармон (дар инҷо ивази қубурҳо) даст кашад.

Иҷрои кор чӣ аз маводи фармоишгар ва чи аз маводи пудратчӣ анҷом дода шуданаш мумкин аст. Дар баробари талаботҳои умуми, ки барои шартномаи пудрат муқаррар гардидааст, дар пудрати маишӣ қоидаҳои нархгузори ва ҳисобу китоб барои маводҳо махсусан муқаррар гаштаанд.
Масалан ҳангоми иҷрои кор аз маводи фармоишгар дар квитансия ё дигар ҳуҷҷате, ки аз ҷониби пудратчӣба фармоишгар дода мешавад, номи дақиқ,тавсир ва арзиш маводи тибқи созишномаи тарафҳо муқаррар гардида ҳатман бояд қайд карда шаван.

Нархи маводи фармоишгар бояд ба созиши муайян гардад. Ғайр аз ин нархи нархгузории мавод бояд дар квитансия ё дигар ҳуҷҷати шабеҳ метавонад минбаъд аз ҷониби фармоишгар дар суд бо пешниҳоди далелҳои хаттӣ мавриди баҳс қарор дода шавад. (м. 748 КГ).

Дар баробари ин ҳолатҳое дучор мегарданд ки фармоишгар аз ӯҳдадории қабули кори иҷрогардида саркаши менамояд. Дар ин сурат агар фармоишгар барои гирифтани кор ҳозир нашавад пудратчи ҳуқуқ дорад ба таври хатти ӯро огоҳ намуда бо гузашти ду моҳ аз рӯзи огоҳонӣ ашёи пудратро бон архи муносиб фӯрушад ва маблағи аз фурӯш ба даст овардаашро бо касри ҳамаи маблағи пардохти ба ӯ таълуқдошта мутобиқи моддаи 352 КГ ба номи фармоишгар ба депозити натариюс гузаронад.

Ҳамзамон дар ҳолатҳои дар боло зикргардида,пудратчӣ метавонад бар ивази ашёи пудрат аз ҳуқуқи нигоҳ (боздоштан)-и ашё (м.724 КГ)истифода бурда ё аз фармоишгар ҷуброни зарари расонидашударо ситонад (м. 752 КГ).

**ҶС3. Шартномаи пудрати сохтмонӣ.**

Мувофиқи шартномаи пудрати сохтмон пудратчи вазифадор мешавад дар мӯҳлати муқаррарнамудаи шартнома тибқи супориши фармоишгар иншооти муайян ё дигар корҳои сохтмониро анҷом диҳад ва фармоишгар ӯҳдадор мешавад барои пудратчи ҷиҳати иҷрои кор шароити зарури фароҳам оварад, корро қабул кунад ва ба он нархи қайду шартшударо пардозад. Шартномаи пудрати сохтмон барои сохтмон ё азнавсозии корхонаҳо, бино (аз ҷумла бинои истиқомати), иншоот ё дигар объектҳо, инчунин барои иҷрои корҳои васл, танзиму истифодадиҳи ва дигар корҳои ба ҳам алоқаманди иншооти эъморшаванда баста мешавад. Агар ин дар шартнома пешбини гардида бошад, пудратчи ӯҳдадор мешавад, ки истифодаи иншоотро баъди қабули он аз ҷониби фармоишгар дар ҷараёни мӯҳлати дар шартнома зикргардида таъмин намояд. Дар ҳолатҳое ки агар тибқи шартномаи пудрати сохтмон корҳо ҷиҳати қонеъ гардонидани талаботи маиши ё дигар талаботи шахсии шаҳрванд (фармоишгар) анҷом дода шавад, нисбат ба чунин шартнома мутаносибан қоидаҳои зербоби 2 ҳамин модда оид ба ҳуқуқҳои фармоишгар вобаста ба шартномаи пудрати маиши истифода бурда мешавад.

Шартномаи пудрати сохтмон консенсуалӣ музднок ва дутарафа аст, соҳаи соҳаи асосии татбиқи ин шартнома фаъолияти соҳибкорӣ мебошад.

Субъектони шартномаи пудрати сохтмон фармоишгар ва пудратчианд. Ба сифати фармоишгарон ҳама шахсони воқеи ва ҳам ҳуқуқи баромад карда метавонанд. Аммо дар ҳамин соҳа ба иҷроифункcияи фармоишгар, хусусан бахри анҷом додани назорат аз рӯи фаъолияти пудратчӣ, донишу малаки махсус барои ба амал баровардани ин намуд фаъолият талаб мекунад.Бинобар ҳамин дар амали функсияи фармоишгар бисёр вакт ба ташкилотҳои махсус дода мешавад, ки ба сифати намояндагони он шахсоне, ки ба онҳо объекти сохтмон анҷом дода мешавад, баромад менамоянд. Аз ин лиҳоз дар шартномаи

пудрати сохтмон фармоишгар ва сармоядор дар бисёр мавридҳо мувофиқ намоянд.

Предмети шартномаи пудрати сохтмон ба мисли шартномаи пудрати оддӣ, натиҷаи кори пудратчие мебошад, ки шакли муайяни моддиро дорад.

Ба он дохил шуда метавонад, объекти сохмони нав, корхонаҳои фаъолиятбурдаи аз нав сохташуда таъмири асосии (капитали) бино ё иншоот, монтаж таҷҳизоти технологӣ, энергетики ва дигарҳо. Шартнома чӣ ҳамаи корҳоро аз рӯи лоиҳа ва чӣ қисми онҳо дар бар гирифта метавонад. Дар баъзе ҳолатҳо бо шартнома пешбини гашта пудратчӣ натанҳо объекти сохтмонро ба фармоишгар месупорад балки истифодаи онро дар мӯҳлати муайян низ таъмин нмуда метавонад. Нархи шартномаи пудрати сохтмон аҳамияти шарти ҳатмиро дорад. Бинобар ҳамин бояд албатта дар шартнома қайду шартшуда бошад. Аз сабаби ҳаҷми калони корҳои сохтмони, чун қоида нархи шартнома бо тартиб додани, ки аз рӯйхати хароҷотҳо барои иҷрои кор ба даст овардани таҷҳизот хариди маводи сохтмонӣ ва ғайраҳо иборат аст.

Дар баробари ҳуҷҷатҳои техникие, ки ҳаҷму мазмуникор ва дигар талаботҳои ба онҳо пешбинигардидаро муайян менамоянд, смета ҳуҷҷати лоиҳавӣ сметавиро ташкил медиҳад, ки қисми ҷудонашавандаи шартномаи пудрати сохтмон мегардад.

Мӯҳлати шартнома ба мисли нархи он шарти ҳатмӣ дохил мешавад.Азбаски муносибати тарафҳо хислати давомнок доранд, аниқ муайян кардани мӯҳлати охири иҷрои кор ва мӯҳлатҳои анҷом додани давраҳои алоҳида барои тарафҳо аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Характери мӯҳлатнок дигар ӯҳдадориҳои фармоишгар низ доранд. Бо мақсади мувофиқа кардани иҷрои ӯҳдадориҳои тарафайн ба шартномаи пудрати сохтмон, чун қоида ҳар гунна нақшаҳо ва графикҳое, ки қисми таркибии шартнома мегарданд гузошта мешаванд.

Шакли шартномаи пудрати сохтмон дар бисёр ҳолатҳо хаттӣ ва бо тартиб додани ҳуҷҷати ягонае, ки аз ҷониби тарафҳо ба имзо расонида мешавад, анҷом мегардад.

Аз ҷониби пудратчӣ супоридани ко рва қабули он аз ҷониби фармоишгар бо акте, ки ҳарду тараф имзо намудаанд ба расмият дароварда мешавад. Дар сурати аз имзои акт саркаши кардани яке аз тарафҳо дар акт сабт гардида он аз ҷониби тарафи дигар имзо карда мешавад(б.4 м.669 КГ).

Чун қоида аз имзои акт фармоишгар саркаши менаояд. Саркаши кардани ӯ аз имзои акт бисёр вақт бо мавҷудияти камбудиҳои объекти сохтмон вобаста аст. Бинобар ҳамин фармоишгар дар ҳолати ошкор намудани камбудиҳое, ки имконияти истифодаи онро барои тибқи мақсадҳои дар шартнома зикргардида ғайри имкон мегарданд ҳуқуқ дорад аз қабули кор даст кашад (б.6 м.669 КГ).

Ғайр аз ин қайд кардан ба маврид аст, ки қоидаҳои КГ дар бораи шартномаи пудрати сохтмон, инчунин ҷуброн кардани зарари маънавиро пешбини менамоянд. Чи тавре, ки дар қонун қайд гардидааст зарари маънавие, ки ба фармоишгар дар натиҷаи аз ҷониби иҷрокунанда вайрон кардани ҳуқуқҳои ӯ расонида шудааст дар сурати мавҷуд будани гуноҳ аз ҷониби расонидани

зарари маънавӣ, агар дар санадҳои қонунӣ тартиби дигар пешбини нагардида бошад, аз ҷониби суд муқаррар нагардида бошад, аз ҷониби суд муқаррар карда мешавад(м.774 КГ).

**ҶС4. Пудрат барои эҳтиёҷоти давлатӣ.**

Шароити иқтисоди бозоргонӣ дар мамлакат муносибатҳои сохтмонӣ,лоиҳакашӣ-ҷустуҷӯиро,ки ҳангоми бастани шартномаҳо ба даст дароварда мешаванд аз нав дида баромад.Дар баробари ин давлат низ барои натиҷаҳоиин гунна шартномаҳо эҳтиёҷ дорад.

Танзими ҳуқуқии ин масъала дар ҲГ ҶТ начандон муфассал аст бинобар ҳамин худи КГ дар моддаи 785 пешбини намудааст ки нисбати ин гунна муносибатҳо дар қисме,ки дар кодекс пешбини нагаштаанд қонуни ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи пудрат барои эҳтиёҷоти давлатӣ татбиқ мегардад. Қайд кардан зарур аст, танзими ҳуқуқии муносибатҳои тарафҳо аз давраи шурави фарқ мекунад.

Дар фарқият аз маҷбуркунии бастани шартномаҳо (чи тавре,ки пеш мавҷуд буд) қонунгузори системаи чораҳои ҳавасмандгардонии бастани шартномаҳоро татбиқ менамояд. (ҳаргуна дотассия ва субсидияҳо). Ғайр аз ин дар қонун кафолатҳои махсус мустаҳкам гаштаанд, ки ба пудратчиҳо ҷуброн кардани зарарро кафолат медиҳанд.

Фармоишҳои давлатӣ танҳо дар ҳолате ҷой доранд, ки аз буҷети давлати маблағ ҷудо карда бошанд.Чун қоида маблағҳои зерин барои барномаҳои мақсаднок ҷудо мешаванд.

Мафҳум ва хусусиятҳои асосии кантракти давлатӣ барои иҷрои корҳои пудратӣ барои эҳтиёҷоти давлатӣ. Тибқи фармоиши давлатӣ ҷиҳати иҷрои корҳои пудратӣ барои эҳтиёҷоти давлати пудратчи ӯҳдадор мешавад, ки корҳои сохтмон, лоиҳакаши ва дигар корҳои вобаста ба сохтмон ва таъмири иншооти дорои хусусияти истеҳсолӣ ва ғайри истеъмолиро анҷом диҳад ва онро ба фармоишгари давлати супорадва фармоишгари давлатӣ ӯҳдадор мешавад,ки корҳои иҷрошударо қабул намуда арзиши онро пардозад ё пардохти онро таъмин кунад.(б. 2 м. 780 КГ).

Ба сифати фармоишгари давлатӣ мақомоти давлатие, ки дори захираҳои инвеститсиёнии зарури мебошад ё ташкилоте,ки аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ба он ҳуқуқи ихтиёрдории чунин захираҳо дода шудааст эътироф мешавад.

Ба сифати пудратчи бошад шахси ҳуқуқ ё шаҳрванд баромад мекунад, ки соҳибкор мебошад ва литсензияи зарурири барои иҷрои корҳои зерин доранд.

Предмети фармоиши давлатӣ ин натиҷаҳои корҳои сохтмонӣ, лоиҳакашӣ, ҷӯстуҷӯи ва дигар корҳое, ки ба сохтмон ва таъмир алоқаманди доранд мебошанд.

Нарх чун шарти муҳим фармоиши давлатибаромад мекунад, зеро мувофиқи м. 783 КГ ҶТ фармоиши давлатӣ бояд мӯҳлати оғоз ва хотимаи он андоза ва тартиби маблағгузори ва пардохти корҳо усули таъмини иҷрои ӯҳдадориҳои тарафҳо дар бар гирад.

Аҳамияти калон дар давлати ба муҳлат дода мешавад. Дар фармоиш бояд мӯҳлатҳои огоҳ ва хатми кор ва бо хоҳиши тарафҳо дигар милатҳо низ муайян гардида бошанд.

Фармоиши давлати дар шакли хаттӣ чун ҳуҷҷати ягонае, ки аз ҷониби тарафҳо имзо мегардад баста мешавад.

**Муаллими кафедраи фанҳои**
**ҳуқуқӣ граждании Академияи ВКД**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Лейтенанти калони милитсия Давлатзода Ҳ.М.,**